# МАЪЛУМОТНОМА

оид ба лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
«Дар бораи Қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ»

Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ» аз ҷониби Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои 6 ва 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ», ки мувофиқан салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатиро муқаррар менамоянд, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи Қоидаҳо дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатӣ» таҳия гардида, расмиёти хариди давлатиро ба таври муфассал муқаррар менамояд. Қоидаҳо аз 13 боб, 434 қисм ва 7 замима иборат буда, амал ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни хариди давлатӣ, аз ҷумла мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба хариди давлатӣ, ташкилотҳои харидор ва таҳвилгарон (паймонкорон)-ро ба таври мушаххас муайян менамояд.

Қоидаҳо оид ба расмиёти хариди давлатӣ ҳамаи марҳилаҳои хариди давлатӣ, шурӯъ аз банақшагирии харид то иҷрои шартномаи харидро дар бар гирифта, инчунин меъёрҳои бо Қонун пешбинишуда, аз ҷумла ҳадди нишондиҳандаҳои арзишӣ барои хариди мустақим ва дархости нархномаҳо, мӯҳлатҳои камтарини ҷалби пешниҳодҳо ва дархостҳои озмунӣ, давраи интизорӣ, талаботи гирифтан ва нигоҳ доштани эътибори сертификати мутахассиси харид, фаъолияти воҳидҳои харид ва комиссияҳои озмунӣ, ҳолатҳои бозхонд ва боздошти «мақоми ташкилоти харидори соҳибтахассус»-ро муқаррар менамояд.

Бо Қоидаҳо расмиёти мушаххаси усулҳои нави харид - музоядаи электронии баръакс (реверсӣ), музокироти рақобатӣ ва созишномаҳои қолабӣ муқаррар карда шуда, татбиқи минбаъдаи онҳо ба шаффофият ва сарфакории маблағҳои давлатӣ саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Қоидаҳо инчунин муқаррароти нав ё такмилдодашударо, аз ҷумла оид ба банақшагирии харид, тартиби ҳисоби арзиши тахминии харид, тартиби таҳияи тавсифоти техникӣ барои навъҳои гуногуни харид, маҳдудиятҳо зимни оғози харид, ба лотҳо муттаҳид во тақсим кардани харид, талаботи тахассусӣ дар алоҳидагӣ ба таҳвилгарон, паймонкорон, зерпаймонкорон ва гуруҳи таҳвилгарон (паймонкрон), вохӯрии пешакӣ бо таҳвилгарон (паймонкрон), сафар ба иншоот во ё боздиди ҳудуди иншоот, баргардонидани намунаҳо, бархӯрди манфиатҳо, тартиби ҷалби

пешниҳоди таҳвилгар (паймонкор) ё пешниҳодҳои таҳвилгарон (паймонкорон) зимни хариди мустақим, тасҳеҳи нархҳо ва таъминоти баргардонидани пешпардохтро дар бар мегирад.

Дар Қоидаҳо инчунин фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои иштироки соҳибкорони хурду миёна дар озмунҳо пешбинӣ карда шудааст.

Бо боби 11 расмиёти шикоятҳои иштирокчиёни озмун ба таври муффасал танзим гардида, заминаи боэътимоди ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳоро мегузорад. Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти ташкилотҳои харидор зимни иҷрои шартномаҳои харид, боби 12 талаботи васеъро ҷиҳати назорати иҷро ва маъмурикунонии шартномаҳо пешбинӣ менамояд.

Татбиқи Қоидаҳои мазкур барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи шаффофият, рушди рақобат ва таъмини муносибати одилонаю беғаразона нисбати таҳвилгарон (паймонкрон) замина гузошта, ба ноил гаштани ҳадафҳои асосии хариди давлатӣ, аз ҷумла самаранок ва сарфакорона истифода намудани маблағҳои давлатӣ мусоидат хоҳад намуд.

Омӯзиши дохилиидоравии лоиҳаи қарор тибқи «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июли соли 2014 №355 тасдиқ шудааст, омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро ошкор накардааст. Бояд тазакккур дод, ки дар Қоидаҳо ба`таври муфассал муайян намудани расмиёти харид ва доираи ҳуқуқи уҳдадориҳои иштирокчиёни хариди давлатӣ омилҳои ба коррупсия мусоидаткунандаро бартараф менамояд.

Лоиҳаи қарори мазкур бо Вазорати адлия (Ашуриён Музаффар), Вазорати молия (Қаҳҳорзода Файзиддин Саттор), Вазорати рушди иқтисод ва савдо (Завқизода Завқӣ Амин), Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (Раҳимзода Султон Нурмаҳмадпур) ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (Султонзода Сулаймон Саид) мувофиқа карда шуда, хулосаҳои вазорату идораҳо замима карда мешаванд.

Эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи қарори мазкур ҷонибдорӣ карда шавад.